Замима
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «03» 06 соли 2022, №88

# Дастурамал
## дар бораи татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ бо мақсади пешгирии андозбандии дукарата ва саркашӣ аз пардохти андозҳо аз даромад ва молу мулк (сармоя)

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал дар бораи татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ бо мақсади пешгирии андозбандии дукарата ва саркашӣ аз пардохти андозҳо аз даромад ва молу мулк (сармоя) (минбаъд – Дастурамал) тартиби татбиқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои андозбандӣ ва меъёрҳои умумии ҳуқуқии байналмилалии андозро муайян менамояд.

2. Муқаррароти шартномаҳои байналмилалии танзимкунандаи масъалаҳои пешгирии андозбандии дукарата ва саркашӣ аз пардохти андозҳо (минбаъд – шартномаҳои байналмилалӣ), ки яке аз тарафҳои онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, нисбат ба резидентҳои андози як ё ҳар ду давлат, ки чунин шартномаро ба имзо расондаанд, татбиқ карда мешавад. Бо ин мақсад резиденти андоз мутобиқи шартномаи байналмилалӣ муайян карда мешаванд.

3. Муқаррароти банди 2 Дастурамал нисбат ба резиденти андози давлате, ки бо он шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонда шудааст, татбиқ намегарданд, агар резиденти андоз муқаррароти ин шартномаи байналмилалиро ба манфиати шахси дигаре истифода намояд, ки резиденти андози ҳамон давлате, ки бо он ин шартномаи байналмилалӣ ба имзо расонда шудааст, намебошад.

4. Шахси дорои ҳуқуқи воқеӣ ба даромадҳое, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ пардохт карда мешаванд, шахсе эътироф карда мешавад, ки дорои ҳуқуқи мустақилона истифода кардан ва (ё) ихтиёрдорӣ кардани даромадҳои мазкур мебошад, ё шахсе, ки ба манфиати ӯ шахси дигар ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардани чунин даромадҳоро дорад. Дар баробари ин аҳамият надорад, ки ин ҳуқуқ бинобар иштироки бевосита ва (ё) бавоситаи дар ин шахси ҳуқуқӣ ё назорат аз болои он ё бинобар ҳолатҳои дигар ба вуҷуд омадааст.

5. Бо тартиби дар банди 4 Дастурамал муқарраршуда ҳуқуқи воқеӣ ба даромади шахсе, ки фаъолиятро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом медиҳад, муайян карда мешавад.

6. Ҳангоми муайянкунии шахсе, ки дорои ҳуқуқи воқеӣ ба даромадҳо мебошад, вазифаҳое, ки шахсони дар банди 4 Дастурамал зикршуда иҷро мекунанд, инчунин таваккалҳое, ки онҳо ба зимма мегиранд, ба эътибор гирифта мешаванд.

7. Шахси хориҷӣ ҳамчун шахси дорои ҳуқуқи воқеӣ ба даромадҳо аз сарчашмаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда намешавад, агар ӯ дорои ваколатҳои маҳдуди ихтиёрдории чунин даромадҳо бошад, нисбат ба даромадҳои мазкур вазифаи миёнаравиро ба манфиати шахси дигар анҷом диҳад, ҳеҷ гуна таваккалҳои молиявиро ба зимма надошта, бевосита ё бавосита чунин даромадро (пурра ё қисман) ба шахси дигар пардохт кунад.

8. Ҳангоми пардохти даромадҳо аз сарчашмаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахси хориҷие, ки ҳуқуқи воқеии гирифтани чунин даромадҳоро надорад, агар ба пардохткунанда шахсе, ки ҳуқуқи воқеии гирифтани чунин даромадҳоро (қисми онҳо) дорад, маълум бошад, андозбандии даромад бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

1) агар шахси дорои ҳуқуқи воқеӣ ба даромадҳои пардохтшаванда (қисми онҳо) резиденти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, андозбандии даромади пардохтшаванда (қисми он) мувофиқи муқаррароти Дастурамал нисбат ба резидентони андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат пардохткунанда андозро нисбат ба даромадҳои пардохтшаванда (қисми онҳо) дар манбаи пардохт нигоҳ намедорад, ба шарте, ки ӯ мақомоти андози маҳалли баҳисобгириро огоҳ намояд;

2) агар шахси дорои ҳуқуқи воқеӣ ба даромадҳои пардохтшаванда (қисми онҳо) резиденти андози давлате (юрисдиксияе) бошад, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ дорад, дар ин ҳолат муқаррароти чунин шартнома нисбат ба андозбандии ин даромадҳои пардохтшаванда (қисми онҳо) амалӣ карда мешаванд;

3) агар шахси дорои ҳуқуқи воқеии гирифтани даромад (ё як қисми он) резиденти андози давлате (юрисдиксияе) бошад, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ надорад, андозбандии даромади (ё қисми он) гирифтаи ғайрирезидент мутобиқи муқаррароти Дастурамал амалӣ карда мешаванд.

9. Қоидаҳои болозикр ба шарте татбиқ карда мешаванд, ки макони ҷойгиршавии доимии шахсе, ки ба ӯ даромадҳо пардохт карда мешаванд ва ӯ ҳуқуқи воқеӣ ба ин даромадҳоро надорад, давлате (юрисдиксияе) бошад, ки бо он созишномаи байналмилалии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои андозбандӣ мавҷуд мебошанд.

10. Агар ба пардохткунанда шахси дорои ҳуқуқи воқеии гирифтани чунин даромад (ё қисми он) маълум набошад, андозбандии чунин даромад (ё қисми

он) мутобиқи муқаррароти Кодекси андоз ва Дастурамал, ки нисбат ба ғайрирезидентҳо муайян шудаанд, амалӣ карда мешаванд.

11. Мақоми салоҳиятдори дар созишномаи байналмилалӣ муайяншудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки ба мақоми салоҳиятдори давлати хориҷӣ ҷиҳати мусоидат дар иҷрои уҳдадории андозӣ аз ҷониби андозсупорандаи давлати хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро нашудааст, дархост пешниҳод намояд.

12. Муқаррароти бандҳои 4 – 11 Дастурамал барои муайян кардани шахсе татбиқ мегарданд, ки ҳуқуқи воқеии гирифтани даромадро аз манбаъҳои пардохт тибқи шартномаи байналмилалии андоз дорад.

## 2. ТАРТИБИ ТАТБИҚИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ АНДОЗБАНДИИ ДАРОМАДҲОИ ҒАЙРИРЕЗИДЕНТҲО АЗ ФАЪОЛИЯТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БЕ ТАЪСИСИ МУАССИСАИ ДОИМӢ

13. Андозбандии даромадҳои ғайрирезидентҳо аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боиси таъсис додани муассисаи доимӣ намегардад, тибқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад, ба истиснои даромадҳое, ки дар қисмҳои 3 – 7 Дастурамал муқаррар шудаанд.

14. Ғайрирезидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе таъсиси муассисаи доимӣ даромад мегиранд, ҳуқуқ доранд пардохти андозҳоро тибқи шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон анҷом диҳанд.

15. Дар ҳолати амалӣ нагардидани муқаррароти ҳамин қисми Дастурамал нисбат ба ғайрирезидентҳои дар банди 14 Дастурамал пешбинишуда ва нисбат ба резидентҳои давлатҳои хориҷие, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳои байналмилалӣ ба имзо расонида нашудаанд, агентҳои андоз уҳдадоранд андозро аз манбаи пардохт нигоҳ доранд ва бо тартиби муқарраргардида пардохт намоянд.

16. Ғайрирезидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе таъсиси муассисаи доимӣ даромад мегиранд, дар ҳолати истифода намудани шартномаи байналмилалӣ уҳдадоранд, ба мақомоти андоз ариза, нусхаи аслии ҳуҷҷати тасдиқкунандаи резидентӣ дар давлати аҳдкунандаро барои соли дахлдори тақвимӣ (бо тарҷумаи ба тариқи нотариалӣ тасдиқшуда ё апостилшуда) пешниҳод намоянд. Талаботи умумӣ оид ба пешниҳоди ариза барои татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ дар қисмҳои 6-7 Дастурамал пешбинӣ карда шудааст.

17. Агенти андоз ҳангоми ба ғайрирезидент пардохт намудани даромад уҳдадор аст, муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандиро иҷро намояд. Дар ҳолати аз ҷониби агенти андоз иҷро нагардидани муқаррароти қисми 2 Дастурамал, уҳдадорӣ оид ба нигоҳдории андоз дар

манбаи пардохт, инчунин пардохти ҷарима ва фоизҳо барои дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нагардидани уҳдадориҳои андозӣ ба зиммаи агенти андоз вогузор карда мешавад.

18. Мақомоти андоз дар асоси эъломияҳо ва маълумоти пешниҳоднамудаи андозсупоранда (агенти андоз) пешбурди баҳисобгирии маблағҳои зеринро анҷом медиҳад:

- маблағи даромадҳо аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли пардохти онҳо, ки аз ҷониби агентҳои андоз ба ғайрирезидентҳо пардохт шудааст;

- маблағҳои андозҳои ба ғайрирезидентҳои дорои ҳуқуқ ба татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ пардохтшуда (баргардонидашуда);

- маблағи андозҳое, ки агентҳои андоз аз даромадҳои ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доштаанд ва ба буҷет пардохт намудаанд.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶСК «Ч» -резиденти Ҷумҳурии Чехия дар доираи шартнома, ки муҳлати амали он 4 моҳро ташкил медиҳад ба ҶДММ «Т» – резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии машваратиро анҷом медиҳад. Мутобиқ ба талаботи шартномаи байналмилалӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Чехия агар хизматрасонии машваратӣ аз ҷониби резиденти як кишвар дар кишвари дигар бештар аз 6 моҳро ташкил диҳад, чунин фаъолият таъсис додани муассисаи доимиро тақозо мекунад ва дар ин ҳолат талаботи созишномаи байналмилалӣ татбиқ намегардад. Бо дарназардошти он, ки хизматрасонии машваратии ҶСК “Ч” дар Ҷумҳури Тоҷикистон ҳамагӣ 4 моҳро ташкил додааст, андозбандии даромадҳои ширкати мазкур дар кишвари резидентии хизматрасон, яъне дар Ҷумҳурии Чехия сурат мегирад. Дар ин ҳолат ҶСК «Ч» тибқи муқаррароти Дастурамал ба татбиқи шартномаи байналмилалӣ ҳуқуқ дорад ва бо ин мақсад мутобиқ ба тартиби дар қисми 8 Дастурамал пешбинӣ шуда бояд ба мақомоти андоз ариза барои татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ муроҷиат намояд.

Мисоли 2. ҶДММ «А»- резиденти Ҷумҳурии Қазоқистон бо ҶДММ «Б» – резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бунёди иншоот шартнома мебандад, ки муҳлати иҷрои он бештар аз 6 моҳро ташкил медиҳад. Дар мисоли мазкур новобаста аз он, ки ҶДММ «А» – резиденти Ҷумҳурии Қазоқистон буда, маълумотномаи тасдиқотии резидентӣ дорад, фаъолияти ҷамъияти мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси таъсиси муассисаи доимӣ ба ҳисоб рафта, андозбандии даромади он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегардад. Зеро, мутобиқ ба талаботи шартномаи байналмилалӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, агар бунёди иншоот аз ҷониби резиденти як кишвар дар кишвари дигар бештар аз 6 моҳро ташкил диҳад, чунин фаъолият таъсис додани муассисаи доимиро ба вуҷуд меорад ва дар ин ҳолат муқаррароти созишномаи

байналмилалӣ татбиқ намегардад. Бинобар ин, ҶДММ «А»-ро зарур аст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи доимии худро таъсис дода, андозҳоро тибқи талаботи Кодекси андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт намояд. Дар акси ҳол ҶДММ «Б» – резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор аст, ҳамчун агенти андоз аз даромади ҶДММ «А» – резиденти Ҷумҳурии Қазоқистон андозро дар манбаи пардохт нигоҳ дошта, ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт намояд.

## 3. ТАРТИБИ ТАТБИҚИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ АНДОЗБАНДИИ ДАРОМАДҲО АЗ ХИЗМАТРАСОНИИ НАҚЛИЁТӢ ДАР ҲАМЛУ НАҚЛИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

19. Даромадҳои шахси ҳуқуқӣ – ғайрирезидент аз фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ дар ҳамлу нақли байналмилалӣ, ки яке аз тарафҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бе пешниҳоди ариза дар асоси ҳуҷҷати тасдиққунандаи резидентӣ аз андозбандӣ озод карда мешаванд, агар шартҳои зерин иҷро шаванд:

- нисбат ба шахси ҳуқуқӣ – ғайрирезидент муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ амалӣ гардад;
- шахси ҳуқуқӣ – ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷом додани чунин фаъолият муассисаи доимӣ дошта бошад.

20. Бо назардоштани муқаррароти банди 19 Дастурамал шахси ҳуқуқӣ – ғайрирезидент уҳдадор аст баҳисобгирии маблағи даромадҳо аз хизматрасонии нақлиётӣ дар ҳамлу нақли байналмилалӣ, ки мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ андозбандӣ намегарданд ва аз хизматрасонии нақлиётӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар алоҳидагӣ анҷом дода, дар эъломияи андоз аз даромади муассисаи доимӣ даромади умумиро дарҷ намояд.

21. Ҳангоми ҳисоб кардани андоз аз даромад аз маблағи умумии даромади дар банди 20 Дастурамал муайяншуда даромаде, ки мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ андозбандӣ намегардад, тарҳ карда мешавад.

22. Дар ҳолати риоя нагардидани муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ, ки боиси қисман ё пурра пардохт нагардидани андозҳо ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад, шахси ҳуқуқӣ – ғайрирезидент (муассисаи доимӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

23. Даромади шахси ҳуқуқӣ – ғайрирезидент, ки фаъолияти хизматрасонии нақлиётиро дар ҳамлу нақли байналмилалие, ки яке аз тарафҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бе таъсиси муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад ва барои иҷрои муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ ҳуқуқ дорад, мутобиқи муқаррароти қисми 2 Дастурамал аз андозбандӣ озод карда мешавад.

Эзоҳ: Мисол: Ширкати ҳавопаймоии “А”- резиденти Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагии худро таъсис медиҳад. Намояндагӣ дар Тоҷикистон танҳо бо фурӯши чиптаҳои Ширкати ҳавопаймоии “А” машғул буда, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии нақлиётиро анҷом намедиҳад ва даромадҳои аз фурӯши чиптаҳо гирифтаро ба Ширкати ҳавопаймоии “А” интиқол медиҳад. Ҷумҳурии Туркия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1996 шартномаи байналмилалӣ оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата бастааст ва Ширкати ҳавопаймоии “А” резиденти Ҷумҳурии Туркия мувофиқ ба талаботи банди 19 Дастурамал муассисаи доимии худро дар Тоҷикистон таъсис додааст. Бинобар ин, Ширкати ҳавопаймоии “А” резиденти Ҷумҳурии Туркия аз даромадҳои аз манбаи Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ дар ҳамлу нақли байналмилалӣ, бе пешниҳоди ариза дар асоси ҳуҷҷати тасдиқкунандаи резидентӣ аз андозбандӣ озод карда мешавад.

Дар сурати бе таъсиси муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани фаъолияти номбаршуда, ғайрирезидент барои татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ ҳуқуқ дорад, мутобиқ ба талаботи қисми 2 Дастурамал амал намояд.

## 4. ТАРТИБИ ТАТБИҚИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ АНДОЗБАНДӢ НИСБАТ БА АНДОЗБАНДИИ СУДИ САҲМИЯҲО, ФОИЗҲО ВА РОЯЛТӢ

24. Агенти андоз ҳангоми пардохти даромад ба ғайрирезидент дар шакли суди саҳмияҳо, фоизҳо ва роялти ҳуқуқ дорад, муқаррароти шартномаҳои байналмилалиро дар самти андозбандӣ нисбат ба ғайрирезидент дар асоси ҳуҷҷатҳо ва шартҳои зерин татбиқ намояд:

- аризаи ғайрирезидент барои татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи резидентӣ;
- агар ғайрирезидент гирандаи охирини даромад бошад;
- агар ғайрирезидент барои татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ ҳуқуқ дошта бошад.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶСК «А» – резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаш ҶДММ «Б» – резиденти Ҷумҳурии Ҳиндустон бо натиҷаи ҷамъбасти соли ҳисоботӣ даромад дар шакли суди саҳмия пардохт кардани мешавад. Бо мақсади татбиқ намудани шартномаи байналмилалӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон ҶДММ «Б» ба ҶСК «А» – резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ариза, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи резиденти Ҳиндустон будани ҶДММ «Б» ва нусхаи иқтибос (маълумот) аз бақайдгирии давлатии

ҶДММ «Б», ки резиденти Ҳиндустон будани муассиси ҶДММ «Б»-ро тасдиқ мекунад, пешниҳод менамояд.
ҶСК «А» уҳдадор аст ҷиҳати татбиқи шартномаи байналмилалӣ даромадҳои ба ҶДММ «Б» дар шакли суди саҳмия пардохтшавандаро бо дар назар доштани меъёрҳои дар шартномаи байналмилалӣ пешбинишуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ намояд.

Мисоли 2. ҶСК «К» – резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаш ҶДММ «Ш» – резиденти Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) бо натиҷаи ҷамъбасти соли ҳисоботӣ даромад дар шакли суди саҳмия пардохт карданӣ мешавад ва бо мақсади амалӣ намудани шартномаи байналмилалӣ байни Тоҷикистону АМА аз ҷониби ҶДММ «Ш» ариза, ҳуҷҷати тасдиққунандаи резиденти АМА будани ҶДММ «Ш» ва нусха аз иқтибос бақайдгирии ҶДММ «Ш» пешниҳод мегардад, ки мутобиқи он муассиси ҶДММ «Ш» шахси воқеъӣ – резиденти Малта мебошад. Дар чунин сурат бо назардошти он, ки гирандаи охирини даромади ҶДММ «Ш» резиденти дигар кишвар мебошад, шартномаи байналмилалӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон нисбат ба пардохти чунин даромад татбиқ намешавад. Бинобар ин, даромадҳои ҶДММ «Ш» – резиденти АМА дар шакли суди саҳмия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ карда мешавад.

Дар ҳар ду ҳолати дар мисолҳои дар боло овардашуда пардохткунандагони даромад ҳамчун агенти андоз уҳдоранд ҳангоми ҳисобкунии андоз аз манбаи пардохт ба мақомоти андоз ҳисоботи дахлдоро пешниҳод намуда, дар он маблағи даромади пардохтшуда (ҳисобшуда) ва (ё) андозҳои мутобиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ ситонидашуда, инчунин меъёрҳои андоз, номи шартномаҳои байналмилалӣ ва иттилоотро аз ҳуҷҷати тасдиққунандаи резидентии ғайрирезидент дарҷ намояд. Ҳамзамон, тибқи талаботи қисми 9 Дастурамал дар асоси дархости ғайрирезидент мақомоти андоз дар бораи даромад ва андозҳои аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшуда маълумотнома пешниҳод менамояд.

## 5. ТАРТИБИ ТАТБИҚИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ АНДОЗБАНДӢ НИСБАТ БА АНДОЗБАНДИИ ФОИДАИ СОФ АЗ ФАЪОЛИЯТ ТАВАССУТИ МУАССИСАИ ДОИМӢ

25. Ғайрирезидент ҳуқуқ дорад муқаррароти шартномаҳои байналмилалиро нисбат ба андозбандии фоидаи соф аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ бе пешниҳоди ариза дар асоси ҳуҷҷати тасдиққунандаи резидентӣ татбиқ намояд, агар чунин ғайрирезидент гирандаи ниҳоии фоидаи соф ва дорои ҳуқуқи татбиқи муқаррароти шартномаҳои дахлдори байналмилалӣ дар самти андозбандӣ бошад.

26. Шахси ҳуқуқӣ – ғайрирезидент уҳдадор аст дар эъломия оид ба андоз аз фоидаи софи муассисаи доимӣ меъёри андоз, маблағи андоз аз фоидаи соф ва мушаххасоти шартномаи байналмилалиро, ки дар асоси он меъёри дахлдори андоз татбиқ шудааст, дарҷ намояд.

Эзоҳ: Мисол: Филиали ҶДММ "Н"-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ машғул шуда, бо ҷамбасти фаъолияти соли 2022 ба маблағи 1,0 млн.сомонӣ фоида ба даст оварда андоз аз даромадро бо меъёри 13 фоиз ба маблағи 130,0 ҳазор сомонӣ (1000,0х13%) ҳисоб ва ба буҷет пардохт намудааст. Филиали мазкур мутобиқи моддаи 222 Кодекси андоз, ҳамчун муассисаи доимии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки фаъолияташро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, илова ба андоз аз даромад ӯҳдадор аст аз фоидаи соф андоз аз фоидаи софро бо меъёри 15 фоиз ба маблағи 130,5 ҳазор сомонӣ (870,0х15%) ҳисоб ва ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт намояд. Дар чунин ҳолат тибқи муқаррароти банди 25 Дастурамал ғайрирезидент ҳуқуқ дорад муқаррароти шартномаҳои байналмилалиро нисбат ба андозбандии фоидаи соф аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд.

## 6. ТАРТИБИ ТАТБИҚИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢДАР САМТИ АНДОЗБАНДӢ НИСБАТ БА АНДОЗБАНДИИ ДАРОМАДҲОИ ДИГАР АЗ МАНБАЪҲОИ ВОҚЕЪ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

27. Ғайрирезиденте, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегирад, ба истиснои ҳолатҳои дар қисмҳои 3 – 5 Дастурамал пешбинишуда, ҳуқуқ дорад то аз ҷониби агенти андоз пардохт гардидани даромад ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирии агенти андоз оид ба татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ ариза пешниҳод намояд.

28. Мақомоти андоз дар давоми 5 рӯзи тақвимӣ нисбат ба аризаи ғайрирезидент оид ба татбиқ гардидани (нагардидани) муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ, хулосаи асоснок пешниҳод менамоянд.

29. Бо назардоштани муқаррароти банди 28 Дастурамал, ғайрирезидент ҳуқуқ дорад нисбат ба хулосаи мақомоти андоз ба мақоми ваколатдори давлатӣ бо ҷалби мақомоти салоҳиятдори мамлакати резидент ҷиҳати баррасии такрории ариза муроҷиат намояд.

Эзоҳ: Мисол: Мақомоти андоз дар асоси аризаи ҶДММ "А" – резиденти кишвари Герсогии Бузурги Люксембургро оид ба татбиқи муқаррароти шартномаи байналмилалӣ дар самти андозбандӣ баррасӣ намуда, бинобар сабаби мутобиқ набудан ба талаботи созишномаи оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата хулосаи манфӣ пешниҳод менамояд. Ҳамзамон, ҶДММ

“А” ҳуқуқ дорад ҷиҳати баррасии такрории ариза бо ҷалби мақомоти салоҳиятдори мамлакати резидент ба Кумитаи андоз муроҷиат намояд.

## 7. ТАСДИҚИ МАҚОМИ РЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РЕЗИДЕНТИ ДАВЛАТИ ХОРИҶӢ БО МАҚСАДИ ТАТБИҚИ МУҚАРРАРОТИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ АНДОЗБАНДӢ

30. Бо мақсади татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз манбаи воқеъ дар давлати хориҷӣ даромад мегирад, ҳуқуқ дорад бо ариза ба мақоми ваколатдор дар соҳаи молия тибқи шакли дар замимаи 1 Дастурамал овардашуда, барои дастрас намудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи мақоми резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намояд. Ба аризаи резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешванд:

- барои шахси ҳуқуқӣ - шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ (аз нав бақайдгирӣ), иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахосни ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷати муайянкунандаи манбаи даромад аз давлати хориҷӣ (шартномаи басташуда ва (ё) маълумотнома ва дигар ҳуҷҷати муайянкунандаи даромад);
- барои соҳибкорони инфиродӣ - шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳодатномаи ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ;
- барои шахси воқеӣ - шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- барои шахсе, ки шаҳрванди давлати хориҷӣ буда, ба талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад, барои резидент эътироф шудан - нусхаи шиносномаи шаҳрванди хориҷӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маҳалли будубоши муваққатӣ ё доимӣ ё ҷои истиқомати доимӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- барои шахси бешаҳрванд, ки ба талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад, барои резидент эътироф шудан – ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маҳалли будубоши муваққатӣ ё доимӣ ё ҷои истиқомати доимӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

31. Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи мақоми резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бланкӣ расмии мақоми ваколатдор дар соҳаи молия (дар ҳомили коғазӣ) ё дар шаклӣ электронии тибқи шакли дар замимаи 2 Дастурамал овардашуда, тасдиқ карда шуда, дар давоми соли тақвимӣ, ки чунин ҳуҷҷат пешниҳод шудааст, эътибор дорад. Мақоми ваколатдор дар соҳаи молия дар баробари қабули ариза уҳдадор аст, ки ҳуҷҷати мақоми резидентиро дар давоми 10 рӯзи корӣ ба аризадиҳанда пешниҳод намояд.

## 8. ТАЛАБОТИ УМУМӢ ҲАНГОМИ ПЕШНИҲОДИ АРИЗА БАРОИ ТАТБИҚИ МУҚАРРАРОТИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ АНДОЗБАНДӢ

32. Ғайрирезидент уҳдадор аст якҷоя бо ариза оид ба татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ ҳуҷҷатҳои зеринро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи резидентии барасмият даровардашуда ё апостил гузошташудаи ғайрирезидент, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад;
- нусхаҳои ҳуҷҷатҳои таъсисӣ;
- нусхаи шартномаҳо барои иҷрои корҳо (хизматрасониҳо) ё барои фаъолияти (амалҳои) дигар;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи иҷрои корҳо (хизматрасониҳо ва фаъолияти (амалҳои) дигар аз ҷониби ғайрирезидент;
- маълумот дар бораи даромадҳо аз хизматрасониҳои нақлиётӣ дар ҳамлу нақли байналмилалӣ ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

33. Агенти андоз ба мақомоти андоз ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии тасдиққунандаи маблағи ҳисобшуда ва (ё) пардохтшудаи даромад ва андозҳои нигоҳдошташударо пешниҳод менамояд.

34. Ҳуҷҷатҳои дар сархатҳои чорум ва панҷуми банди 30 Дастурамал пешбинишуда дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ баъди иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо пешниҳод карда мешаванд.

35. Мувофиқи талаботи қисмҳои 2, 6 ва 7 Дастурамал татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андоз, ки боиси таъсиси муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намегардад ба ду марҳила тақсим мешавад. Якум – то пардохт гардидани даромад ва дуюм – пас аз гирифтани даромад аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (баргардонидани андози нигоҳдошташуда дар манбаи пардохт).

36. Дар марҳилаи якум шахс – ғайрирезидент ва (ё) агенти андоз то пардохт гардидани даромад ба шахс – ғайрирезидент бояд ба нозироти андози ҷойи қайди агенти андоз муроҷиат намуда, ҳуҷҷатҳои зеринро барои гирифтани хулоса оид ба андозбандии даромади ғайрирезидент аз фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боиси таъсис додани муассисаи доимӣ намегардад (ба истиснои даромадҳое, ки дар қисмҳои 3 – 5 Дастурамал номбаршуда) пешниҳод мекунанд:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи резидентӣ, ки аз ҷониби мақоми салоҳиятдор ё ваколатдори давлатӣ ва бо тарҷумаи ба тариқи нотариалӣ тасдиқшуда ё апостилшуда, ки резидентии ғайрирезидентро тасдиқ намудааст;
- нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ.

37. Бо гирифтани хулоса оид ба татбиқи шартномаи байналмилалӣ оид ба озод шудан аз андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, агенти андоз даромади ғайрирезидентро бо нигоҳ доштани андоз (бе пардохт намудани он ба буҷет) пардохт менамояд.

38. Дар марҳилаи дуюм (пас аз гирифтани даромад аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо мақсади баргардонидани маблағи андози нигоҳдошташуда, ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирии агенти андоз ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

1) ариза тибқи шакли дар замимаи 3 Дастурамал овардашуда оид ба баргардонидани андози нигоҳдошташуда дар манбаи пардохт (вале ба буҷет пардохт нашуда) ва дар як вақт пешниҳод намудани:

- нусхаи қарордодҳо (шартномаҳо, созишномаҳо) барои иҷрои корҳо (хизматрасониҳо) ё барои дигар мақсадҳо;

- нусхаҳои ҳуҷҷатҳои таъсисӣ (дар инҷо иснод ба ариза ва маълумотҳои пешниҳодгашта дар марҳилаи якум ва мактуби мақоми андози маҳалли бақайдгирии агенти андоз оварда мешавад);

- санади корҳои иҷрошуда – ҳангоми аз ҷониби ғайрирезидент ба иҷро расидани намудҳои гуногуни корҳо, санади қабули истифодабарии объект – ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ, ҳисобнома-фактура ё дигар ҳуҷҷати пардохт, ки гирифтани даромадро аз хизматрасонӣ тасдиқ менамояд;

2) аз ҷониби агенти андоз пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ, ки маблағи ҳисобшуда ва (ё) пардохтшудаи даромадҳо ва андозҳои нигоҳдошташударо тасдиқ менамоянд.

39. Вобаста ба ин мақомоти андоз, дар давоми 5 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи гирифтани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, онҳоро омухта, ӯҳдадораст дар ҳамон мӯҳлат қарори мусбӣ (манфӣ) оид ба баргардонидани андози аз ҷониби агенти андоз нигоҳдошташуда, ба агенти андоз хабар медиҳад.

40. Агенти андоз ҳангоми гирифтани қарори мусбии мақоми андоз оид ба баргардонидани андози нигоҳдошташуда, маблағи андози нигоҳдошташудаи ғайрирезидентро бармегардонад.

41. Новобаста аз он, ки фаъолияти ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси таъсис додани муассисаи доимӣ намегардад, ҳангоми риоя нашудани тартиби зикргардида, муқаррароти шартномаи байналмилалӣ нисбат ба чунин шахсони ҳуқуқии ғайрирезидент татбиқ намегардад.

## 9. МАЪЛУМОТНОМА ОИД БА МАБЛАҒҲОИ АНДОЗҲОИ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ПАРДОХТШУДА

42. Дар асоси дархости ғайрирезидент мақомоти андоз дар бораи даромад ва андозҳои аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшуда маълумотнома пешниҳод менамояд.

43. Муроҷиати хаттии ғайрирезидент оид ба пешниҳоди маълумотнома ба мақомоти андози дахлдор бевосита ё ин ки ба воситаи шахсе, ки даромадро ба манфиати ғайрирезидент аз манбаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт менамояд ё тавассути шахси ваколатдор, ки бояд ваколати худро ба ваколатдор тасдиқ кунад, равон карда мешавад.

44. Муроҷиат тибқи шакли дар замимаи 4 Дастурамал овардашуда бояд бо забони давлатӣ ё бо забони хориҷӣ якҷоя бо тарҷумаи расмӣ бо забони давлатӣ дода шавад.

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

45. Агенти андоз уҳдадор аст ҳангоми ҳисобкунии андоз аз манбаи пардохт, ки ба мақомоти андоз пешниҳод мешавад, маблағи даромади пардохтшуда (ҳисобшуда) ва (ё) андозҳои мутобиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ ситонидашуда, инчунин меъёрҳои андоз, номи шартномаҳои байналмилалӣ ва иттилоотро аз ҳуҷҷати тасдиққунандаи резидентии ғайрирезидент дарҷ намояд.

46. Дар сурати риоя нагардидани муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ, ки боиси қисман ё пурра пардохт нагардидани андозҳо ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст, агенти андоз мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Агар маблағи андоз сари вақт ба буҷет гузаронида нашавад, агенти андози пардохткунандаи даромад уҳдадор аст маблағи андози нигоҳдоштанашуда ва ба буҷет гузарониданашуда, инчунин ҷаримаҳо ва фоизҳои дахлдорро аз ҳисоби худ ба буҷет гузаронад. Агенти андоз, ки андозро аз манбаи пардохт пас аз напардохтани андоз аз ҳисоби худ пардохт менамояд, ҳуқуқ дорад аз гирандаи даромад андоз ситонад.

47. Дар ҳолати аз ҷониби ғайрирезидент мақсаднок пешниҳодшудани маълумоти бардуруғ, ки боиси қисман ё пурра пардохт нагардидани андозҳо ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст, ғайрирезидент ва агенти андоз мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.